# ТӮФОН ДАР ҒУНЧА

**(Барои бонуи шеъру шарор – ГУЛРУХСОР )**

*ТӮФОН ДАР ҒУНЧА*

*( БАРОИ БОНУИ ШЕЪРУ ШАРОР-
ГУЛРУХСОР )*

***Ашъори шоирони ҳамзамону ҳамзабон бахшида ба шоири тоҷик***

*Душанбе.*
*Нашриёти « ДЕВАШТИЧ».*
*2008*

*Китоби «ТӮФОН ДАР ҒУНЧА» аз осори ба Шоири Халқии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи ба номи устод Рӯдакӣ ГУЛРУХСОРИ САФӢ бахшидаи адибони ҳамзамону ҳамзабони дохиливу хориҷӣ интихобан тартиб дода шудааст.*

*Меҳрномаи адибони бузурги ҷаҳонӣ аз ҷумлаи устодон Меҳдӣ Ахавони Солис, Файз Аҳмади Файз, Абдулҳусайни Заринкӯб, Сиёвуши Касроӣ, Чингиз Айтматов, Расул Ғамзатов, Римма Казакова, Леополд Момонсоно ва дигарон ба шоири тоҷик боиси ифтихору хушнудист.*

*Аз байни садҳо шеъри ба Гулрухсор эҳдо шуда гулчин кардани ин маҷмӯа осон набуд.*

*Дар як китоб гирд овардани меҳрномаи дӯстони суханвари шоир аз гӯшаву канори ҷаҳон зинҳор маънии худнамоиву худтаърифкуниро надошта, балки шоҳиди он аст, ки шоирон дар ҳама давру замон қосидони Ватану Миллат ва пайвандгарии мулкҳову миллатҳо будаан, ки Гулрухсор низ аз ин саф истисно нест.*

*Мураттибон: С. АНВАРӢ, Н. САИДӢ.*

***Чингиз АЙТМАТОВ***

***Сухане аз Гулрухсор***

## ***Ӯ дар он боғ ғазал мехонад…***

***( Порча )***

Тахти шоирӣ дар сарзамини тоҷикон аз замонҳои қадим баланд буда,хоҳишмандони бар ин тахт нишастан низ кам набудаанд.

Аммо дарёдилоне ҳастанд, (беҳтаринҳоро миллат меофарад, бадтаринҳо душмани миллатанд) дарёдилоне, ки орзуи расидан ба тахти баланди шоирӣ шоистаи ному нишон ва истеъдодашон аст.

Инҳо шоирони асил ва офаридагони сарнавиштанд. Вале чунин шоирон ҳам пеш аз оне, ки дар адабиёт бо суннатҳои ҷаҳонӣ арзиш дошта бошанд, бояд аз мактаби сахт мушкилписанди озмоиши ҳамоҳангии сухан ва андеша бигзаранд.

Бо вуҷуди ин ҳама душвориҳо Гулрухсор шоистагии онро ба даст овардааст, ки дар боғи шоирони миллати тоҷик, ки сарнавишт онҳоро офаридааст, сухансаро бошад…

**Расул ҲАМЗАТОВ**

***Гуфтор дар бораи Гулрухсор***

***( Порча )***

… Оне ки Гулрухсорро дида ва шунидааст, наметавонад дар банди шодмонӣ ва шигифтӣ набошад.

Ман ин шоираро дар зодгоҳаш, дар сарзамини сурудгарони бузург, дар боғҳои гулҳои аҳмарӣ ва киштзорҳои «тиллои сафед» дидаам!..

Ман шеърхонии ӯро дар толорҳои Маскав шунидаам ва ӯро дар деҳкадаи зодбуми худ Сада »хайра мақдам!» гуфтаам…

Дидаам ки ӯ дар баробари кӯҳсорону дарёҳову одамҳои худӣ ва бегона чӣ меҳру бардоште дорад.

Нигаристаам, ки чӣ гуна ӯро дар толорҳои бузург ва хонаводаҳои хурд пазирой мекунанд…

Нахустин бор Мирзо Турсунзода ба ман дар бораи Гулрухсор сухан гуфт. Гувоҳӣ ва тавсияи Мирзо Турсунзода аз истеъдоди шигифтангези шоирии Гулрухсор барои ман ҳақиқате инкорнопазир аст.

Ман барои ту ба дунё омадам,

То ба рӯзи сахт дамсозат шавам.
Дар дами бемори ғамхорат шавам,
Ними бахти хешро бахшам ба ту,
Лаҳзаи танҳоӣ дилдорат шавам,
Ман барои ту ба дунё омадам!

Ин сатрҳо метавонанд сарсухане бошанд барои меҳри занона, сарнавишт ва тамоми сурудаҳои ошиқонаи Гулрухсор…

*Меҳдӣ Ахавони СОЛИС*
Эрон

*Бароие Гулрухсор*

Ба шоми мо ғарибон
чун шафақ гул кард,
Гулрухсор,
Саморо пуршамими сирри сунбул кард,
Гулрухсор.
*Барлини Ғарбӣ, аврел, 1990.*

*Абдулҳусайни ЗАРИНКӮБ*
Эрон

- *Бо иродат ва дуруд аз нависандаи китоб хидмати бонуи шоир Гулрухсор, ки шеъри тоҷики ӯ дунболаи «Корвони Ҳула»-ро аз Теҳрон то Душанбе ба ҳам мепайвандад.*
- *Ҷону дилаш шод ва қувваи шоирияш барафзун бод!*

## ГУЛИ ШОДОБ

Гули шодоб бихандид, ки ишқ:
Атри ҷонбахши насими саҳар аст.
Об гуфташ: - «Ту чӣ донӣ аз ишқ»,
Ишқ ин замзамаи ҷӯю ҷар аст.
Бонг зад бод: - «Ки ишқ инҳо нест,
Ишқ оҳи дили шӯридасар аст».
Ахтари субҳ бизад чашмаку гуфт:
«Ишқ як партави тобандхвар аст».
Дили ман нола баровард, ки на,
Ишқ шеър аст,
ки ҷони ҳунар аст!

---

*Теҳрон, аввали хурдодмоҳи 1374 (1995)*

*Файз Аҳмади ФАЙЗ*
(Покистон)

МАРҲАМ

*Тақдим ба Гулрухсор*

Чораи ранҷи ғамам
Сӯҳбати ғамхори ту буд.
Марҳами захми дилам
Сурату дидори ту буд.
Он ки аз лутф
шабу рӯзи маро
гулгун кард,
Гули гулзор набуд,
Он Гули Рухсори ту буд.
*1976*

Сиёвуши КАСРОӢ

## ДАР ОСМОНИ ҶОН

*Барои Гулрухсор*

Имрӯз, ки меҳмони ту,
Гулрухсорам,
Аз рӯйи ту,
эй баҳор,
бархӯрдорам.
Чун барқ
дар осмони ҷон
мешкуфам,
Чун абр
ба сарзамини дил
меборам!..

**1988**

*Раҳим Човуш Акбарӣ*
*(Яснои Табрезӣ)*
Эрон

## РӮДАКИВУ ГУЛРУХСОРУ ЯСНО

Ба сина хонаи дил дӯш сахт вайрон буд,
Зи ҷаври даври фалак ҳоли ман парешон буд.
Гирифта «Килк» ба дасту ду чашм хира бар он
Ҳама ҳикояти нокомии Хуросон буд.
Зи дарди дурии он дилситони Гулрухсор,
Фитода сойиқа бар хирманам фурӯзон буд.
Ҳамон зане, ки зи аъқоби Рӯдакӣ бошад
Сурудхони замона ба Тоҷикистон буд.
«Биҳиштиён мутакаллим ба тозиянду дарӣ»
Ҳамин навишта ба сарлавҳае зи «Сомон» буд.
Ба гоҳи нимашабонам рабуд хоби хуше
Зи ранҷи рӯҳ раҳойиш чӣ қадр осон буд.
Ба хоб дидам боғе, ки буд рашки ҷинон
Ба ҳар каронааш овойи ҷӯйборон буд.
Канори сарвбуне ман нишаста бо шодӣ

Ҳазор кабк бо ҳар гӯшае хиромон буд.
Замин сабзу дилангез чун сипеҳри барин
Зи ранги лола ба ҳар ҷо ситораборон буд.
Зи як карона яке пири чанг дар оғӯш
Ба лаҳни дилкашу зебо сурудхонон буд.
Чунин суруд, ки бӯйе зи Мӯлиён ояд,
Ки бӯйи дилкашу ёде зи меҳрабонон буд.
Куҷо шуд он ҳама Маҷду бузургиву мардӣ,
Ки дар замони амирии Оли Сомон буд?!
Намоз бурдаму гуфтам муъаббири торих
Навойи чанги туву шеъри ту шитобон буд!
Ҳанӯз дар дили Табрез ҳам ба гӯш ояд
Шикояте, ки зи пириву ҳоли дандон буд.
Ҳузури шеъри ту эҳсос мешавад ҳама ҷо,
Ки шеъри ту ба масал рӯҳу ҷони ҷонон буд.
Ҳамон баёни ту афрохт кохи «Шаҳнома»
,
Яқин, ки чанги ту бо Ҳофизи хушилҳон буд.
Ба ҳар куҷо, ки сухангӯйи порсӣ бошад ,
Зи ҷойи пойи ту осори он намоён буд.
Фиғону дард, ки чархи замона шуд

ворун,

Ба қарни мо ҳамаи корҳо дигарсон буд.

Ба бод рафт Хуросону Мовароуннаҳр,

Ту гуфтӣ, шаҳри Бухоро на қалби Ирон буд.

Бихӯрд мушт зи Темури Ланги Гӯрконӣ,

Ки ёдовари Афросиёбу Турон буд.

Агарчи баъд гирифтанд хӯйи иронӣ,

Ба кохшон сухани порсизабонон буд.

Ҳазор бор камар баст душмани ғаддор,

Ки порсӣ бикушад..,

лек мушту сандон буд.

Ҳуҷуми лашкари бедод беасар мешуд,

Ки шоирон ба масал Коваҳо ба майдон буд.

Силоҳи килк ба як даст ҳамчунон зӯбин,

Ба дасти дигарашон баргирифта «Қуръон» буд.

Ҳамеша сар ба фалак суда мардуми ҳунарӣ,

Алалхусус, ҳар он кас, ки ӯ мусалмон буд.

Зи шарқ байрақе афрошт нохудомарде,

Ки досу чаккуши ӯ яккатози майдон буд.

Дарав намуд ҳамон дос соқаҳои Ватан,

Бисӯхт хирман он ҷо ки Тоҷикистон буд.

Хушо, ки реша ба ҷо буду боз шуд

сарсабз,
Ҳисори ҷавр ба охир ҳамеша вайрон буд.
Ба Ганҷа шеъри Низомист ёдовари ту
Қасидагӯйи тавонойи мо ба Ширвон буд.
Агарчи номи Варорӯд Узбакистон шуд,
Ба кохшон сухани порсизабонон буд.
Аз ин ба баъд сарафроз бод ин миллат,
Миёни миллати воҳид,ки номаш Ирон буд!
*Табрез. 1995*

СИИСТОНӢ
Эрон

# ГУЛИ РУХСОР

*Дар васфи Гулрухсор,*
*шоири маҳбуби тоҷик*

Гули Рухсор, надонам,
ту гули ё ки баҳор?
Ё ки афрӯхта шамъӣ
ба шабистони нигор?
Ё бунафша,
ки занад шона ба зулфони чаман,
Ё баҳорона гуле-
боғи гули фасли баҳор.
Ё ту он булбули мастӣ,
ки ба боғи ҳастӣ,
Мезанӣ чаҳ-ча
ба ҳар шоху ғазал хонӣ ҳазор.
Эй ту истораи рахшандайи фарҳанги дарӣ,
То каю чанд дурахшӣ
ба диёрони тизор?
Эй ту маҷмӯъаи хубӣ,
зи кадомат гӯям,
Бисаро шеъру кунун хон бари мо

шеъри
баҳор.

Ҳусейни СОДИҚӢ
Швейтсария

*Пешкаш ба бонуи гаронмоя,
сарояндаи чакомаҳои дилпазир
ва духтари шоистаи тоҷик
Гулрухсори нозанин.*

Саро, духти тоҷик,
ашъори ноб,
Шикан пеши мо,
арзиши зарри ноб.
Зи рухсори худ
гул фишон баҳри дӯст
Майи ишқ деҳ
то барӣ
ҳушу тоб.

Шарҳроми РАҶАБЗОДА
Эрон

## ПУШТИ ЯК ЛАБХАНД

*Тақдим ба устоди арҷманд*
*хонуми Гулрухсор*

Лаҳзаҳоям соқаи нилуфар аст,
Ашкҳоям ёсҳои пар-пар аст.
Мисли пойизи нигоҳи шишаҳо
Чор фасли талх мижгонам тар аст.
Инак он чашмони лабрез аз баҳор
Шӯразори ҳасрате паҳновар аст.
Пушти як лабханд танҳо мондаам,
Хандаам аз гиряам танҳотар аст.
Ман туро аз сорҳо пурсидаам,
Болҳоятро нигоҳам бар дар аст.
Мешавад дар чашмҳоям лона кард,
Гарчи меҳмонхонаи хокистар аст.

Яхё Ҳаддодии Абёна

Эрон

## РӮЙИДА ЗИ ДАРДИ РӮДАКӢ...

Рӯйида зи дарди Рӯдакӣ[1] боз омад,
Бо шӯру шуъуру шеъри дамсоз омад.
Бо «Накҳати Ҷӯйи Мӯлиён»
Гулрухсор
Хуш омаду сӯйи хилвати роз омад.

***[1] Қитъаи « Пайванд»-и Гулрухсор дар назар аст.***

**Алии ФАРҒАДОНӢ**

## ДИДОРИ ОШНО

*Барои*

*Гулрухсор*

Ба сар шуд Фарғадонӣ солҳое
Бурун кардӣ зи сар нағмасаройӣ.
Кунун бӯйе зи «ҷӯйи Мулиён»-ат,
Дили сарди туро карда ҳавойӣ.
Ту, эй тоҷики ширингӯйи хандон,
Гули рухсори мулки ошнойӣ,
Ту нав кардӣ
ғами ҳиҷрони Фарҳод,
Ҳадиси ҳасрату дарди ҷудойӣ.

(Люксембург)

**Исҳоқи РОҲИБ**
**Эрон**

БОНУИ ШЕЪРУ ШАРОР

*Барои Гулрухсор-*
*шоири муосири тоҷик*

Чашмонатро меҷӯям
Бонуи машриқии ман!-
Дар паси мардумаконат
Чашмае аз доғи шаҳидон мебинам.
Чашмонатро меҷӯям.
Овири хокситари пушти мардумаконат
Бӯйи харобаҳои «Ҳулбуку Ямчун» дорад.
Чашмонат,
Пайғамбарони мағмуми солҳои хокистарианд,
Ки оя-оя
туро тиловат мекунанд.
Бонуи машриқии ман,
Бонуи шеъру шарор!
Ғарибонагиятро
Аз шонаҳои сутурги Помир
фурӯ рез
Ва бозувони асотириятро
Бар осмони машриқзамин бигустарон.
Фардо,
Хуршед оғозашро

Паранда парвозашро
Замин эъҷозашро
Мадюни номи ту хоҳад буд,
Мутабаррик бод номат,
Ки ман дар ту,
Ба шеър,
Ба Масеҳо,
Ба Худо
            расидаам!

*Табрез. 1995*

**Муҳаммади ГУЛШИРӢ**

## БА ГУЛРУХСОРИ САФИНИЁ

Рухсораи ту
сад гули хандон дорад,
Боғи дили ту
ҳазордастон дорад.
Ин ҳусни ту кам нест,
вале, танҳо ту,
Ранги суханат бӯйи Хуросон дорад.
*Лондон. 1994*

**Носир Сармадии ПОРСО**

**Эрон**

«Хушо Дарбанду Яхчи мушкбораш»,
Биҳиштосой бинмуда баҳораш.
Чу Гулрухсор рӯйида аз ин хок,
Худовандо мадад фармо ба кораш!

**Муҳаммад Фотимии Каҳдуйӣ**
**Эрон**

## ДАР БАЗМИ ЛОЛАҲО

Рухсора ҳамчу гул,
хушрангу хушсадо,
Дар базми ошиқон,
дар базми лолаҳо.
Мехонад ин суруд,
мегӯяд ин наво:
«Ман ғам намехӯрам,
ғам мехӯрад маро!..»[1]

[1] Мисраъи Гулрухсор.

Абулфазли РАҲНАМО
Эрон

# АЗ ХУТАН
# ТО БА ҲАРАМ

Нағзу зебост каломат
чу гули рухсорат,
Кӣ тавон чид гуле
аз чамани пурборат.
Накҳати шеъри ту
на марз шиносад,
на
замин,
Зар фишонад
зи Хутан
то ба Ҳарам осорат.

**Боқирзода («Бақо»)**
**Эрон**

## АХТАРИ ТОҶИК

То гули рухсори Гулрухсорро
дидам зи дур,
По ба сар шодӣ шудам,
сар то ба по ваҷду сурур.
Ахтари тоҷик
бо шеъри баланди хеш кард,
Маҳфили донишварони порсиро ғарқи нур.

Ширини ЗОРЕЪ
Олмон

*Барои Гулрухсорҷони дил*

Гӯйӣ дилам ғорест,
ore, зи ишқ,
Ғор нест,
қалъаест,
Ки бар сари он мурғакон
ошёна надоранд.
Гоҳе уқобе,
ки қасди сайд надорад,
Бар он нишинад...

**Римма КАЗАКОВА**
**Руссия**

# ДАР РОҲИ НОРАК

*Барои*
*Гулрухсор*

Ин тарс ба пои кӯҳсорони Ватан,
Ширин бувад
чун ишқи аввал бари ман.
Тарсе, ки зи шаҳмату баландӣ бошад,
Тарс аст магар?
Чӣ дилписанде бошад!
Ин тарс аз он ки водӣ дамсозам нест,
Дар домани кӯҳ чу мурғ парвозам нест,
Хоҳам, ки чу шоҳбоз парвоз кунам,
Дар домани сабзи водӣ овоз кунам.
Оё ба канори сабзи водӣ бирасам.
Оё бирасад баландиҳои нафсам.
Осон набувад баландии рӯҳи баланд,
Дар мазҳаби сарбаландии кӯҳи баланд...
Ин тарс ба пои кӯҳсорони баланд,
Ширин бувад
чу ишқи аввал бари ман,
Ин тарс маро баландиҳои нафс аст,
Бар домани уммеду ҳавас дастрас аст!

*Аз русӣ тарҷумаи Саидалӣ Маъмур*

**Татяна КУЗОВЛЕВА**
**Руссия**

## ҲАМРОҲ БО ТУ!

*Барои Гулрухсор*

Номи ту андар гулӯям,
Қатраоби чашмасор аст.
Дар замири ҳар ҳиҷояш,
Маъниҳои бешумор аст.

Гул[1] - садое аз замин аст,
К-он зи қаъраш мебарояд.
Парварида хӯшаҳоро,
Маргро мағлуб намояд.

---

[1] Муаллиф номи Гулрухсорро ба ҳиҷоҳо ҷудо сохта аз рӯи мафҳуми русиашон маънидод кардааст. (Мутарҷим).

Рух - бувад монанди раъде,
Дар фазои бекарона.
Мерасад дар дашту ҳомун,
Гоҳ чун селу тарона.

Сор - хокистар намояд,
3-оташи гарму фурӯзон.
Бар кафам мегирам онро,
Гарчи бисёр аст сӯзон.

Мекунад бар ман ҳикоят,
Аз муҳаббат,
                    аз дили ту.
Сӯхтӣ дар оташи ишқ,
Монда мушкил мушкили ту.

Он қадар бовар накардӣ,
Бар раҳоӣ, духтари Шарқ.
Ман зи Гул-Рух-Сор хондам,
Ҳам такон,
                    ҳам раъд,
                                    ҳам барқ.

Дур аз ту менишинам,
Ман кунун дар кишвари тӯс.
Мекунам ифшо ғаматро

Ман ба ҳарфу шеваи рус.

Ҳар гаҳе гирам қаламро
Танг гардад манзили ман.
Илтиҷо дорам, ки як дам
Мон ба ҳоли худ дили ман.

Мон, кашам як дам нафас ман
Аз ҳавои рус озод.
Мон, ба ишқи хеш сӯзам
Шеъри дилро карда эҷод.

Ҳар гаҳе гардам тавоно
Менишинам боз бо ту.
Хонда-хонда сатрҳоят,
Мешавам ҳамроҳ бо ту.

**Валиулҳақи АНСОРӢ**
**Ҳиндустон**

Сойиб орост руху гесуи Лайлои ғазал,
Сабки он шоири хушлаҳҷа хуш омад моро.
Он чӣ ӯ гуфта, Валӣ низ ҳамон мегӯяд:
«Зулм бар хеш кунад он ки нахонад моро».
* * *
Гармии оташи дил чун набарорем ба лаб,
Пеши арбоби сухан чун насароем ғазал.
Хомаи мост гушояндаи дарҳои сухан,
«Номайи мост ниҳонхонаи асрори азал».
* * *
Чун хондам имшаб ғазали Гулрухсор,
Омад ба писандам равиши он ашъор.
Бояд ки ба ӯ ноз кунанд аҳли сухан
Дар гулшани ашъор аз ӯ тоза баҳор.

Теҳрон. 1995

## НАЗРИ ХОНУМ ГУЛРУХСОР

Рӯяд аз гулзори табъам сурати ашъори Гул,
Пеши ин гулҳои тоза ҳаст кам аз хор гул.
Гулшани ман ҳаст қиртосу бар он ашъори гул,
Хӯшачинонро бигӯ оянд, ҳаст анбор гул.
Гӯша-гӯша дар гулистон атрогин мешавад,

Ҳаст дар саҳни чаман чун таблаи аттор гул.
Най фақат дар саҳни гулшан сар бурун орад
зи шох,
Менамояд рӯй рангин бар дару девор гул.
Аз навои субҳи булбул вакти оғози сахар,
Бар фарози шохи гулбун мешавад бедор
гул.
Боиси пажмурдагияш шуд нигоҳи гарми
меҳр,
Кош пинҳон доштӣ дар баргҳо рухсори гул.
Бин рухи пажмурдааш вақти зуҳур болои
шох,
Баҳри як ханда кашида шуд фаро аз дори
гул.
Душмани номус бошад хоҳиши молу
мисол,
Баҳри зар ояд зи гулшан ҷониби бозори
гул.
Ношиноси рангу бӯ донад чӣ кадру
қиматаш,
Мехурад аз обу тоби дирҳаму динори гул.
Ҳаст мисли рӯи зебояш ҳусайну дилқариб,
Аз куҷо орад вале ширинии гуфтори Гул.
Ранги тоза аз ҳаё бар рӯи ёр ояд падид.
Булбули шӯридасар чун бӯсад аз минқори
гул.
Достони булбулу гул тоза шуд аз холи мо,

Кам зи булбул ман наям, гар ҳаст рӯи ёри гул.
Пеши гулрӯён набошад қадри рангу бӯи он,
Мебаранд аз баҳри кӣ дар Халлуху Фархори гул?
Бар шубоби чандрӯза ин қадар нозон машав,
Вақти пажмурдан биёяд чун шаванд аз бори гул.
Аз навои ҳиндиям тазйини тоҷикӣ шавад,
Дар баҳорон чун кунад ороиши гулзори гул.
Мисли ӯ дар Лакҳнав  ман низ ҳастам атррез,
Чун-ст Нишопур гулшан в-андар он аттор гул.
Аз диёри Лакҳнав дар шакли шеъри худ вале,
Мефиристам ман ба Душанбе ба Гулрухсори  гул.

**Лакҳнав. 2006**

**Беранги КӮҲДОМАНӢ**
**(Афғонистон)**

## ШАБИСТОНИ ҒАЗАЛРО ШОҲБОНУ

Ба гул паҳлу занад ҳар хор ин ҷо,
Шукуфта шеъри Гулрухсор ин ҷо.
Зани фарзонаи ҳушёри тоҷик
Тапишҳои дили бедори тоҷик.
Суханоройи беҳамтои даврон,
Аҷолими адабро меҳри тобон.
Забони Рӯдакиро зинда дорад,
Замини тоҷиконро лола корад.
«Маҳастӣ»-и дигар, «Парвин»-и дигар,
Китоби ишқро «Ширин»-и дигар.
Ҳамовози «Фурӯғ»-и ҷовидона,
Саропо дарку эҳсоси занона.
Ба дил «Робиа»-ву ҳамзоди «Симин»,
Забонро боз бахшад фарру оин.
Шабистони ғазалро шоҳбону,
Бадахшони адабро ҷуст оҳу.
Навои дилпазиру нарм дорад,
Сафои обҳои Ғарм дорад.
Суханҳояш бувад «Оинаи рӯз»,
Дилорову дилангезу дилафрӯз.
Замин «Гаҳвораи сабз»-и хаёлаш
Фалак парвозгоҳи моҳу солаш.

Гулистони суханро «Шабнам»-и субҳ,
Шавад ҳамрози гулҳо, ҳамдами субҳ.
Бидонад рози шаб «Афсонаи кӯҳ»,
Шиносад умқи ғам паҳнойи андӯҳ.
Сарояд достони «Шабдарав»-ҳо,
Ба «Ихлос»-е, ки ӯро ҳаст танҳо.
Шукуфа мезанад сар аз баёнаш,
«Бунафша» медамад аз ошёнаш.
Ҳаводори Аҳуро, душмани чуғд,
Бисузад Аҳраман дар «Оташи суғд».
Ба гул созад бадал дунёи гилро,
Навардад бекарон «Дунёи дил»-ро.
«Сипар» * гирад ба каф баҳри ҳақиқат,
Ки то монад ба ҷо шаҳри ҳақиқат.

---

** Шоир китобҳои Гулрухсорро дар назар дорад.*

**1988**

**Сайид Фазлуллоҳ ҚУДСӢ**
**Афғонистон**

## ХУРШЕДҲОИ МАҲШУДА

*(Тақдим ба бонуи шеъри форсӣ хонум Гулрухсор)*

Дар чор сол аз уфуқи бекарони хок
Болост панҷаҳои бурун аз миёни хок.
Болост панҷаҳояшон, ҳола мезананд,
Хуршедҳои маҳшуда дар осмони хок.
Субҳе фаро расад, ки дар оғӯши зарраҳо,
Бедор мешавад сукути азони хок.
Ҳафт осмон зи партави андешааш шавад
Порогрофи кӯчаке аз достони хок.
Ин дил дубора дилҳура дорад, ки моҳи ман
Баргардаду дигар нашавад меҳмони хок.
Бишкан ҷамуди пайкари яхбастаи маро
Андоз дар даҳонаи оташфишони хок.
Шояд, ки тика-тика шавад,
муштаъил шавад,
Ин сахра
дар шурӯъи нахустин такони хок!

**Аз Сайид Убайдуллоҳ («Ҷабин»)**
**Афғонистон**

## ПАЁМ БА ШОЪИРАИ ТОҶИК

Эй адиби нуктасанҷи бовиқор,
Миллати тоҷик зи ту пурифтихор.
Эй гулистони Ватанро рангу бӯ,
Булбулони ин чаманро обрӯ.
Гавҳари поке зи дарёи ҳунар,
Нахли маъно аз вуҷудат борвар.
Осмони шеърро некахтарӣ,
Бар ҳумойи орзу болу парӣ.
Мурдаро ҷон медиҳад ашъори ту,
Юсуфистон гаштааст бозори ту.
Назми дариро равон бахшидаӣ,
Нотавононро тавон бахшидаӣ.
Оли Сомон зинда аз гуфтори ту,
Сурхрӯ Зардушт аз рафтори ту,
Аз садоқат шуд бино мазмуни ту,
Сарзамини Буъалӣ мадюни ту.
Рӯдакиро дидаи бино шудӣ,
Ганҷавиро ганҷи беҳамто шудӣ.
Робиъа, он куштаи ишқу вафо,
Хонда дар гӯшат каломи муддао.
Аз навойи най пур аст шеъри тарат,
Ҳофизи Шероз маст аз соғарат.
Ҷойи Фирдавсит дар арши барин,

Бар туву ҳамосаҳоят офарин.
Кишвари дилро бибахшойӣ қарор,
Бӯйи Бедил аз каломат ошкор.
Ҳамчу Сойиб мӯйро бишгофтӣ,
Рози ҳастиро зи Саъдӣ ёфтӣ.
Гар Ҳилолӣ шуд ҳилоли осмон,
Бадри тобонӣ ту дар бурҷи замон.
Миръобид Сайидои хушсухан,
Аз гули рухсори ту дорад кафан.
Ҳамтирози Махфию Симин шудӣ,
Каҳкашони Шаркро Парвин шудӣ.
Мастӣ мебахшад каломат бодаро,
Хун ба соғар мекунад бечодаро.
Алғараз, эй шоири ширинкалом,
Аз Хуросон баҳри ту дорам пайём:
Ман зи шаҳристони хун кардам сафар,
Тӯҳфаи ман нест ҷуз лахти ҷигар.
Ман пайёми дӯстон овардаам,
Достони ҳафтхон овардаам.
Миллати мо пайкараш садпора шуд,
Мардумонаш ҳар тараф овора шуд.
Ҷанг он ҷо сад фусун овардааст,
Армуғони кушту хун овардааст.
Зарра-зарра хоки мо пурмоҷаро,
Ҳар қадам бошад нишони Карбало.
Лаъл гашта дар Бадахшон ғарқи хун,
Бар шугуфтанҳо мусаллат шуд сукун.

Ғунчаҳоро ваҳшати гулчин фусурд,
Булбулонро нола дар минқор мурд.
Хуни ноҳақ аз ҷавону пир рехт,
Чорасозонро зи каф тадбир рехт.
Баски ҳар ҷо зулму истибдод рафт,
Кӯдаконро меҳри модар ёд рафт.
Модарон дар сӯги фарзандони хеш,
Хуни дил резанд аз чашмони хеш.
Гар кунам ёде зи рӯҳи рафтагон,
Бар ҷигарҳо мехалад тиру синон.
Ин мусибатҳо ҳама аз ҷанг буд,
В-арна хуни куштагон якранг буд.
Аз димоғам шӯри Маҷнун мечакад,
Аз забони хомаам хун мечакад.
Ёдам ояд рӯзгорони кӯҳан,
Кайқубод, Исфандиёру Таҳмтан.
Ориё аз ҷоми Ҷам сероб буд,
Гулшанаш пур аз гули камёб буд.
Дар ҷаҳон ному нишоне доштем,
Рӯҳпарвар достоне доштем.
Балхи Бомӣ дар ҷаҳон овоза буд,
Корвони Ҳулларо дарвоза буд.
Ғазна дорад даври Маҳмудӣ ба ёд,
Давраи илму ҳунар даврони дод.
Аз раги ёқут мебояд қалам,
То кунам номи Бадахшонро рақам.
Аз Бухоро нур мешуд бар фалак,

Кимиёи фазлро буда маҳак.
Бас Самарқанд дар ҷаҳон афсона буд,
Дил барои диданаш девона буд.
Сахт зебову дилангез аст Хуҷанд,
Сад ҳазорон ҳамчу ман дорад ба банд.
Гар зи Хатлон дар миён ояд сухан,
Мушк мегардад забон андар даҳан.
Ояти шону шукӯҳ бошад Ҳисор,
Рифъати Шоҳон зи бурҷаш ошкор.
Тоҷикистон тоҷи дунё будааст,
Рамзи хилқатро муъаммо будааст.
Эй дареғо, он сарири тоҷ ку,
Он ҷалолу азмату миъроҷ ку?
Он шукӯҳу азмати Сомон куҷост,
Он ҳама ганҷинаи пинҳон куҷост?
Ку, куҷо шуд он забони модарӣ.
Бум шуд ҳамсанг бо кабки дарӣ.
Ҳайф, акнун чун сипанди миҷмарем,
Ҳамчу зулфи хубрӯён музтарем.
Ғофилем аз кору бори рафтагон,
Гӯшҳо фориғ аз сури  замон.
Дур бояд кард ҳарфи мову ман,
Кӯр бояд сохт чашми Аҳриман.
Ифтихори рафтаро эҳё кунем,
Дар ҷаҳон як ҷунбише барпо кунем.
Аз Ватан созем фирдавси барин,
Нақши бадбахтӣ зудоем аз ҷабин.

Ман ҳамехоҳам зи зоти бениёз
Миллати тоҷик ҳамеша сарфароз.

**Абдулмаҷиди ИШЧӢ**
**Афғонистон**

**НИГОҲ**

*Пешкаш ба Гулрухсор*

Қатраи саргардоне
аз рӯди хурӯшони Ҷайҳунам,
Боқимондае аз ашки Помирам.
Ки беморони Ватанам
Дар кошуқи ғурбат чашидаанд...
* * *
Пароканда шудам,
Афсурда шудам,
То хешро ба сони ғунчае
Аз нахли боғи домани Варзоб * ёфтам...
* * *
Дар шаҳраки ғурбат,
Сӯхтадилу нигарон
Ҳар сӯй чашм дӯхтам.
Ҳич доруе наёфтам
Аммо нигоҳи Гулрухсор
Чун оби сард бар дилам пошида шуд...
* * *
Гӯянд: Оби Ҷайҳун
оби зиндагист
Ва гирдоби ғурбат
Марг мепароканад.
Хуршеде дар иқлими Хуросон

дурахшид,
Ки аз лабонаш канду гул мепароканад.
* * *
Вақте ба шаҳри Ҷиликул ** расидӣ,
Ва аз зиндадилони он макон
Саршори шеъру тарона шудӣ,
Саломи ин гирифтори гирдоби ғами ғурбатро
Ба гулрухон
ва Гулрухсорони меҳрабони он диёр бирасон!..

- ** Шеър дар тарҷумаи таҳтуллафзӣ омада.*
- ***Аҷдоди шоир аз Ҷиликули Тоҷикистон будаанд.*

- **Лоиқ ШЕРАЛӢ**

*Барои Гулрухсор*

Туйӣ оташ,
манам оташ,
Кунад оташ
зи оташ гул;
Гули оташпарасти ман,
Зи сар то по шарори ман!

* * *

Қарзам зи ту ин аст,
Ки пас аз «Вароқи санг»,
- Дар васфи ту гӯям
Ғазале дар вароқи гул.

-----------------------

---

- *** *Унвони китоби Лоиқ*

Бозор СОБИР

Ин саҳар ҳадя мекунад Бозор,
Дафтарашро чу гул ба Гулрухсор.
Балки худро ба мисли дафтари худ,
Менамояд варақ-варақ изҳор.
* * *
Саропо ҳарфи дилҷӯйи ту мавзун аст,
Чу андоми ту мавзун то кафи поят.
Агар ҳаст аст шеърат аз ту зеботар,
Ту худ зеботарӣ аз шеъри зебоят!

**Абдумалик БАҲОРӢ**

Ту ҳамчун шоири мулки маонӣ,
Аҷаб ширинбаёну нуктадонӣ.
Ман аз ҳуснат намегӯям,
ҳамин бас,
Ки Гулрухсори боғи тоҷиконӣ.

**Ҳабибулло ФАЙЗУЛЛО**

Мо аз Гули Рухсор наранҷем,
наранҷем,
Бо ин ҳама озор наранҷем,
наранҷем.
Санг аст дили ёр,
бувад шиша дили мо,
Бишкан дили мо ёр,
наранҷем, наранҷем!
1966

## ГУЛНАЗАР

*Барои Гулрухсор*

### РӮДАКӢ СӮЙИ БУХОРО МЕРАВАД...

Ғам махӯр дил, гар зи боғи шаҳри ман,
Кам биёяд чаҳ-чаҳи булбул ба гӯш.
Сози хуш ҳам дар мисоли шеъри нағз,
Мешавад тавлид дар ҷойи хамӯш.

Булбулон чун ёди рустозодагон,
Мераванд аз шаҳр сӯйи деҳаҳо.
То аз он ҷо шоири озодае,
Рӯ ниҳад бар сӯйи шаҳри интизор.
Ҳамчу оби чашмаҳои кӯҳсор.

Булбулон дар деҳа шоир мешаванд,
Шоирон дар шаҳр булбул мешаванд.
Рӯдакӣ суйи Бухоро меравад,
Панҷруд бозори булбул мешавад...

### ТӮФОН ДАР ҒУНЧА

**Барои Гулрухсори азиз**

Аё тӯфони дар ғунча,
ҳамеша гулфишон бошӣ,
Зи шӯри ошиқони дилшикаста
сад нишон бошӣ.
Ту, ки бо табъи равшан
достони мардумон гуфтӣ,
Миёни мардумони посдорат
достон бошӣ.

* * *

Чун боди сабо зулфи туро бозигарам,
Чун мужда ба даҳр бӯйи васлат бубарам.
Чашм аз Гули Рухсори ту ҳаргиз наканам,
Охир чӣ тавон кард, ки ман Гулназарам!

* * *

Гул номи туро надорад, эй Гулрухсор,
Пайғоми туро надорад, эй Гулрухсор,
Ҳар гоҳ, ки оҳи сард хезад зи дилат,
Дар Яхчи ту яхча борад, эй Гулрухсор!

* * *

Аз хеш маро бурун кунад шеъри ғамаш,
Ҳарф аз пайи ҳарф хун кунад шеъри

ғамаш.

Гарчи диҳадам доруи дил Гулрухсор,
Дарди дили ман фузун кунад шеъри ғамаш.

***

**Саидалӣ МАЪМУР**

## БАРОИ ГУЛРУХСОР

1

Маро гуфтӣ, биё бар Яхч бо ман,
Бишав меҳмони деҳи кӯҳсорам,
Биё, эй зодаи водӣ, туро ман
Ба тори қуллаҳои кӯҳ барорам.

Набошад Яхчи ман деҳи қадимӣ,
Надорад қасрҳои дилнишине
Вале дорад зиёда марду занҳо,
Ки шӯҳратдор аз меҳнатқаринӣ.

Надорад Яхч дарёи хурӯшон,
Агарчи бигзарад Вахш аз бари он.
Вале дорад зиёда чашмасоре,
Ки бошад оби он чун нуқра рахшон.

Замини Яхч агарчи танг бошад,
Валекин осмонаш беканор аст.
Нагӯям Яхчро зебо гулистон,
Агарчи андалебаш бешумор аст.

Гули садбарг дар деҳам набошад,
Бичин аз ҳолмону лолаҳояш.
Биё, аз қорчаш бо ҳам бичинем,

Ки дар бозор кам бошад баҳояш.

Маро гуфтӣ:биё бар Яхч бо ман,
Бишав меҳмони деҳи кӯҳсорам.
Биё, эй зодаи водӣ, туро ман
Ба тори қуллаҳои кӯх барорам.

Махон ҳаргиз маро, Рухсор, меҳмон,
Магӯ, ки ман ба Яхчи ту набудам.
Варо бо худ ба шаҳр оварда будӣ,
Ҷамолашро зи рӯят дида будам.

## ЗОДРӮЗИ ШОДӢ

*Дар ҳошияи китоби «Зодрӯзи дард»-и*
*Гулрухсор*

2

Ту ба дунё дар дили шаб омадӣ,
Ҳамчу субҳе ханда бар лаб омадӣ.
Осмони Яхч бе ахтар набуд,
Дар заминаш ҳамчу кавкаб омадӣ.

Ту ба ин дунё ба матлаб омадӣ,
Бо дигар устозу мактаб омадӣ.
Қасди ту куштору хунрезӣ набуд,
Ту «барои куштани шаб» омадӣ.

Омадӣ, бо омадат шаб рӯз шуд,

Аҳли деҳ аз омадат фирӯз шуд.
Гарчи айёми зимистон омадӣ,
Омадат, эй Гул, ба мо Наврӯз шуд.

Омадӣ, хуш омадӣ, эй меҳрубон,
Шоири озодаи давру замон.
Зодрӯзат «Зодрӯзи дард» нест,
Бал бувад он шодии пиру ҷавон.

НОНИ САТРӢ
3
Нони сатрӣ, ки пухтаӣ ба танӯр,
Сатрҳои равону пухтаи туст.
Модари Яхч, шоири мумтоз
Сатриятро чу шеър дорам дӯст.

Сатрият буда ҳусни дастархон,
Дида аз диданаш нагардад сер.
Нони ту бӯйи шеъри тар дорад,
Шеъри ҷаззоби шоири моҳир.

Рӯйи нон кардаи ту гулкорӣ,
Ҳар гулаш буйи тозае дорад.
Сурхиаш руйи гандумии туст,
Ки аз он нури меҳр меборад.

Дидаам хелҳои нон ҳар ҷо,

Ҳар яке лаззати дигар дорад.
Сатрии ту, валек бемонанд,
Зеби ҳар дидаву назар дорад.

Ман чашидам чу таъми нонатро,
Беҳтар аз ширу аз шакар хондам.
Ҳамчунон сатрҳои Гулрухсор,
Сатрият ширaи саҳар хондам.

Нони сатрӣ ба ҳар куҷо бинам,
Мекунам ёди ту, хаёли ту.
Кош, к-андар танӯри дил ман ҳам,
Сатрҳоям пазам мисоли ту.

Зиё АБДУЛЛО

*Барои Гулрухсор*

Он гуна ки ту азиз дорӣ,
Дар хонаи худ Азизи худро,
Хоҳам, ки азиз дорадат чарх,
То ҳаст ҳаёту ҳаст дунё...

**ДУ ФАРИШТА**

Духтаре, ки ду фаришта
                    дар ду китфаш буд,
Аз худо ҳам дилкашон
                    бар халқи лутфаш буд,
Дар паноҳи сабзаву гул
Як саҳар хуршедро
                    дар ашки шабнам дид
Сурати шабнам
            дили сӯйи замин хам дид,
Дил ба дӯши шабнам афканд,
Шабнаму хуршед ҷар шуд,
Войи дил гуфту ба домон
                    шабнами дил чид,
На,  каме дил чид.
Сӯйи мардум рафт бо як домани дил,
То шиносад хешро дар меҳани дил.

Лек мардум дид домон,
дил надид,
Даст дар домон заду аз дил рамид,
Домане дил зери поҳо пош хурд,
Бас даҳан дилро мисоли ош хурд,
Пой бас лағжид рӯйи дил, ба пушт,
Обро ӯ гуфт;
- Дил шав!
Дил нашуд,
Нурро ӯ гуфт;
- Дил шав!
Дил нашуд!
Дил- хамири тоза шуд хоки Ватан,
Нони хони мотам - идроки Ватан.
Зери каф молид маҳкам дилхамир,
Ҷойи дилро дид маҳкам дилхамир,
Шабнаме шуд дар кафи поки Ватан,
Шуд гиребони дилаш чоки Ватан...

Нозирҷон БОҲИРӢ

## ХОМА ГУЛ, АВРОҚ ГУЛ...

Қадду басту чашму абрӯю лабу рухсор - гул,
Табъу дил-гул, хома-гул, авроқ-гул, ашъор-гул.
Дар шигифтам ман, ки бо ин нозукӣ чун мекашӣ,
Гулбуни навраста, бо худ бори ин миқдор гул.
Кас надорад ёд бо ин рангу бӯ ҳаргиз гуле,
Гарчи бишкуфтаст дар боғи адаб бисёр гул.
Неъмати аз гул азизе нест дар боғи ҳаёт,
Бо ҳама ин тобад, аммо назди ту чун хор гул.
Номи Гул бигрифта бо худ кадри гул бардоштӣ,
Месазад бошад зи ту якумр миннатдор гул!

Муҳаммад ҒОЙИБ
*Барои Гулрухсор*

Асалхоҳон Ватанро баҳри гулзораш нигаҳ доранд.
Ҳама фасли хазон гул гашта Гулрухсор мемонад.
* * *
Дар синаи ман нишони сад ашъор аст,
Дил ташна, вале ба шеъри Гулрухсор аст!
* * *
Он зан, ки зи мард ҳам банерӯст, туӣ,
Оне, ки ба ранги худ сухангӯст, туӣ.
Умрат ба хаёли дигарон сарф кунӣ,
Бо хеш рақибу бо ҳама дӯст, туӣ.

ОФТОБИ ДИЛ

Пуштаву доманаи кӯҳу адир,
Сабзпӯшанд ҳама бар дида.
Ваҳ ,чӣ сон поку сафед аст чу шир
Оби аз шаршараҳо полида.

Гули хору шулашу барги заранг
Ҳусн бахшанд ба кӯҳбанди Ватан.
Тобад ин манзараи ранг ба ранг,
Ҳамчунон бахти ману қисмати ман.

Накҳате мерасад аз кӯҳи диёр,
Ҳар чӣ хоҳад дилам ин ҷо, ёбам.
Рӯҳ гирам ман аз ин тозабаҳор,
Ба хаёлам, ки бари Варзобам.

Ин чӣ хуршед, ки мегардад об
Дили яхбаста зи сӯзи ҷигараш.
Ин чӣ сеҳре, ки намеорам тоб
Чун гунаҳгор ба ними назараш.

Ин ҳамон нексиришти хушгил,
Дили ошиқшударо гарм кунад.
Ба суханҳои пур аз сӯзиши дил
Сангро нарм кунад, нарм кунад.
1984

Рустами ВАҲҲОБ

## ШАФАҚИ ИНТИЗОР

*Тақдим ба шоири дардҳо*
*ва ифтихори Тоҷикистон,*
*Гулрухсори Сафиниё*

Дамида аз ҷигари кӯҳсор Гулрухсор,
Шукуфта аз шафақи интизор Гулрухсор.
Нишоти боз шуданҳои боли ғунчаи гул,
Садойи раъди гулӯи баҳор Гулрухсор.
Баёзи ҳасраташ аз хуни лолаҳо рангин,
Сапед оҳуе дар лолазор Гулрухсор.
Ситора резад, агар, гесӯи шаб афшонад,
Чу осмони ситоранисор Гулрухсор.[1]
Ба рӯйи бистари санге гули ҳамешабаҳор,
Ба санг дода шукӯҳу виқор Гулрухсор.

---

[1] Ба гуфти шоир, ғолибан апгъорашро дар дили шаб менависад.

Зи рӯйи ӯ битавон ёфт сӯйи меҳвари меҳр,
Намунаи гули хуршедёр[1] Гулрухсор.
Рабуда ҷон зи гаравгоҳи нобакор замон,
Супурда ҳастии худро ба кор Гулрухсор.
Нишаста бар лаби дарёи дардҳои Ватан,
Кашида домани худро зи хор Гулрухсор.
Ба рағми деви кудурат фишонад аз лаби хеш,
Қасидаҳои[2] адолатмадор Гулрухсор.
Аҷаб надорам, агар сабзу гулфишон созад,
Дарахти дӯстӣ аз чӯби дор Гулрухсор.
Нафас гирифтаму гуфтам, ки бӯйи райҳон ку,
Биё, ҳавои Ватанро биёр Гулрухсор.
Ба ханда гуфт;
- Чӣ донам радифи шеъри ту кист.
- Тӯи ягона аз он сад ҳазор

[1] Гули хуршедёр - ба қиёси гулн офтобпараст. (Сохтаи муаллиф).
[2] Навъе талқини рӯҳонии маъруф, кн бештар манзум мебошад. (Р. В.).

Гулрухсор!

## ГУЛЕ БАР САРИ РӮЗГОР

Замонро ба болои ту даст нест,
Касеро ба шаст инчунин шаст нест,
Чунин сабзу шодобу ҳикматнисор,
Бимонӣ чу гул бар сари рӯзгор!

СИЁВУШ

## ОҲӮИ РАМИДА

*Тоҷикистои, ҷуз ту нашносад касе,*
*Дар ғурури ман Кӯҳистони маро!*

*Гулрухсор*

1

Дар ин билоди ғурбату дар ин диёри ғам,
Дар ин замини шӯраву дар ин шиёри ғам,
То дасти пулпарасти ҳама сабз гаштааст,
Дар чашми гулпарасти ҳама гул фитодааст.
Бахри кӣ ҷилва мекунӣ, эй навбаҳори ғам?!

Эй лолайи чу захми шукуфта ба ҷисми хок,
Бисмилтабассуме ба лаби рӯзгори ғам,
Ман аз қарибу дур
Бар қасди гиряҳои дурӯғини сарварон
Аз гиряҳои ҳасрати пинҳоният, туро

Дар хандаҳои сохтаат мешиносамат!
Мешиносамат!

Ин ҷо, дар ин хазон
Дар чеҳрайи заҳиру пурожанги ин чаман,
З-он навбаҳори рафтаву Наврӯзи пуршукӯҳ
Як ёдгор - ин Гули Рухсор мондааст!
Ин ҷо, дар ин кавир
Кайҳост бабру шеру паланге нест,
Танҳо шағолу рубаҳу кафтор мондааст!
Аммо дар ин миён,
Эй оҳуи рамидаи танҳо
Аз гардани фарохтаат мешиносамат!

Ин ҷост, ки фазо ҳама лабрези рахват аст,
В-он каргасони наҳс кунун пар кашидаанд,
Пайдост боз ин, ки чӣ мурдор дидаанд
Шаҳбозҳои ял
Тарки нишем кардаву з-ин ҷо паридаанд.

Ин ҷост, ки малоики қудсӣ

Дар лаб паёми Нусрату Озодиву Наҷот
Дигар ба ин диёр намеояд!
Ин ҷост, ки ба рӯйи сару сарварони давр
Бояд ҳиҷобу парда кашид аз камоли нанг,
Зеро, ки ғайри ҷилва ба минбарҳо
Дигар ба ҳеҷ кор намеоянд!

Ин ҷост, ки дар анҷумату маҳфилу нишаст,
Сад лафз ғайри лафзи дарӣ медиҳад садо,
Ин ҷост дар қаламрави фирдавси форсӣ
Ҳар лаҳза турктози наве мешавад бапо,
Ман аз миёни ин ҳама зоғу заған вале
Эй булбули ширинсухани Миҳан
Аз лаҳҷаи шинохтаат мешиносамат,
Мешиносамат!
*1992*

## БА ОН СИТОРА САЛОМ!..

*Шармандаи ошиқ будану*

*хори шаху ом,*

*Расвои вафои Ватанем, шони дигар нест!*

***Гулрухсор***

2

Ба он ситора саломи маро расон, эй дӯст!

Ба он ситора, ки дерест аз фазои дилам кӯчидаст.

Ба он паранда паёми маро бидеҳ,эй ёр!

Ба он паранда, ки чандест,

Аз инҳисори ғами ҷангали хамӯши нигоҳам

Ба дашти дуртарин осмони ҳиҷрат пар чидаст.

Ман аз шукуфтани рӯшантарин баҳор меоям,

Ба ин кавири аташбор

Ва дар таровати лабташнаи гуле гумном

Ба рӯйи ҳар касу нокас,

ба рӯйи душману дӯст,

Чӣ ошиқона механдам,

Чӣ ошиқона механдам.

Ман аз шабони меҳолуди интизор меоям
Шабони талхи чудойӣ,
Шабони дери фироқ,
Шабони хастаи маҳзун,
шабони танҳойӣ...

Ва он ғуруб,
ғуруби ғамину ғурбатбор,
Маро ба ҷустучӯйи рисолат ба хеш мехонад...
Рисолат оре,
оре, расули мазҳаби ишқ,
Ки дар ҷимоди хамӯшу сиҳёи мурдобе
Ҳамвора завраќи худро ба пеш меронад.

Ман аз сиёҳтарин вожаҳои бадномӣ,
Ба номи рӯшани ту пайки оштӣ дорам.
Ман аз кабиртарин як гуноҳи маъсумам
Ба сӯйи поки ту аҷзи намоз меорам.
Ва аз кабудтарин мотам,

ба базми сабзи гули сурх
Дар қиёми баҳор
тарона мегирям,
чакома меборам.
Ба базми милоди ишқи ту, эй ёр!

АНДӮҲИ САБЗИ САРВ

*Сӯйи ҳар ноошнову раҳгузар,*
*Чашмҳои ман намехандӣ дигар!*

Гулрухсор

3

Дар чашми меҳрубони ту ҳузне нуҳуфтааст,
Андӯҳи сабзи сарв дар оғози фасли гул.
Эй сарви тоқ, рашк мабар бар шукуфаҳо,
Ҷуз хандае ба рағми хазон чист асли гул.

Гуфтӣ зи шаҳри ғурбату аз навбаҳори ӯ,
Ёд аз Ватан намудиву аз бебаҳорияш.
В-аз мардуме, ки бо ҳама он бевафоиҳо,

Инак туӣ, ки боз ҳамон дӯст дорияш.

Гуфтӣ, ки навбаҳор дигар роҳгум задаст,
Дар он диёри ғамзадаву ғамсиришти мо.
Африштаҳо паридаву ифритҳои маст,
Сокин шуданд дар чамани чун биҳишти мо.

Аммо ҳанӯз бар ҳама ин, ҷойи шукр ҳаст,
Ҷоме ба каф шикаст агар, бода дар сабӯст.
« Моро биҳйшт сӯҳбати ёрони ҳамдам аст»,
Моро Ватан ҳамон нигаҳи меҳрубони туст!

Дар ин диёри ғурбату дар ин билоди ғам,
Бӯйи Ватан зи нагҳати шеърат шамидаам.
Дилгиру хаста з-ин ҳама алфози ношинос,
Лафзи Ватан зи шир-шири баргат шунидаам.

Бигзор нарм-нарм бирезад пур аз баҳор,
Ҳарфи ту ҳамчу барги гули себ бар сарам.
Як дам ба қасди фасли хазоне, ки дар пай аст,
Монанди сарв сабз бимон дар баробарам.

Аммо даме зи ёд бар андӯҳи хешро,
Дигар магӯ, зи мо бигузаштаст фасли Гул.
Бинмо табассумеву ҷаҳонро баҳор кун,
Ҳон, хандае ба рағми хазон аст асли Гул!

## ПАРАНДАИ ҒАМИН

*Ба ту аз кафтари белонаву бедона дуруд!*

Гулрухсор

4

Салом! Салом!
Эй ҳама салом!
Эй ҳама дуруд!
Салом!

Эй ҳама шукуфа!
Эй ҳама баҳор!
Салом!
Эй ҳама сапеда!
Эй ҳама тулӯъ!
Салом, Дӯст!
Салом, Ёр!
* * *
Дар он баҳор,
Дар он диёри сабзи ишқ,
Чӣ бод буд, эй азиз,
Он, ки бар шукуфаҳо вазид,
Дар он саҳар
Дар он сапедаи сиёҳфом,
Дар он тулӯъи бедавом,
Чӣ даст буд, он, ки аз самои лочуворд,
Якояк он ситораҳои бахтро бичид,
Ва он Парандаи Ғамин,
Чӣ гуфт бар фарози он Дарахти Пир.
Ки он дарахт дастҳои хешро шикаст.
Ва дар паноҳи сояи хамӯши худ хазид.
Ва дар баҳои он Баҳори Ғарқи хун
Хамӯш ашкбарг рехт, рехт, рехт…
* * *
Салом Дӯст!
Салому сад салом, эй ки нури дидаӣ,

Вале зи чашми кӯри осмон
Ба хокдон чакидаӣ.
Салом, эй Парандаи Ғамин,
Ки аз паноҳи мижагони мо паридаӣ.
Зи ҳалқаҳои чашмҳои дӯстону душманон
Чунон зи ҳалқаҳои домҳо паридаӣ.
Куҷо паридаӣ.
Куҷо нишастаӣ.
Хаёл кардаӣ, ки растаӣ?!
* * *
Салом, Ёр!
Салом, эй Баҳор!
Эй баҳори захмдор!
Бигӯ, ҳанӯз он Дарахти Пир -
Он Ватан баҷост?!
Ҳанӯз бар алайҳи ин ҷаҳони пир пурҷавона аст?!
Ҳанӯз бар алайҳи мотами ҷаҳон пур аз тарона аст?!

Ҳанӯз аз парандаҳои ранг-ранг,
Паранди парниёна дар бараш,
Зи офтоб тоҷи ориёна бар сараш.
Паёмҳои ошиқона - баргҳои пар - параш.

Ҳанӯз он Дарахти Пир он Ватан баҷост?!
Ҳанӯз пурнафиру савту пурсадост?!
Ва эй Парандаи Ғамини ман,
Ту бар фарози он Дарахти Пир
Ҳанӯз ҳам салойи ишқ мезанӣ?!
1997. Бишкек

## АЗ ТУ ГУЗАШТ Ё ЗИ МАН?!..

*Эй ҳаваси ситорагир,*
*Кибр зи кибриё гузашт!*
Гулрухсор

5

Дарди ту аз даво гузашт, аз ту гузашт ё зи ман?
Меҳри ту аз вафо гузашт, аз ту гузашт ё зи ман?
Нози ту марз кам шинохт, аз ҳама ҳад убур кард,
«Кибр зи Кибриё гузашт», аз ту гузашт ё зи ман?
Ин ҳама ҷони мо будӣ, рафтиву н-ошно шудӣ,

В-он ҳама моҷаро гузашт,аз ту гузашт ё зи ман?

Моҳ гузашт, оҳ гузашт, то шаби ашбоҳ гузашт,

Субҳи пур аз сафо гузашт, аз ту гузашт ё зи ман?

То ба сарат гуле задам дар назарат хор шудам,

Фасли гулу сабо гузашт, аз ту гузашт ё зи ман?!

Нози туву ниёзи ман, сӯзи туву гудози ман,

Ин баду он бало гузашт, аз ту гузашт ё зи ман?

Ишқи маро чӣ ғафлате, фикри маро чӣ савлате,

Бар шаҳу бар гадо гузашт, аз ту гузашт ё зи ман?

Умр ба як варо расид аз ману ту чиҳо надид,

Ваҳ, ки аҷаб хато гузашт , аз ту гузашт ё зи ман?

Баъди тамоми ҷустуҷӯ « то ба худ омадам зи ту,

«Кори ман аз худо гузашт».., аз ту гузашт ё зи ман?!

## СУБҲИ МУСОФИР

6

*Наврӯзи ман аз пушти дари хона гузашт!..*

Гулрухсор

Субҳи мо баски мусофир шуда дар дидаи Ту,
Мо ғарибон шаби худро ба чӣ ғам рӯз кунем?
Дил ба гуфтори Туву дида ба дидори Ту маст,
Хешро ин ҳама бо Ту чӣ бадомӯз кунем!
Эй баҳор, эй ҳама Гул, донӣ, ки чун дур аз Ту,
Ғами ҳиҷрони Туро гулхани Наврӯз кунем.
Мо зи поринаву перор ҳама кӯҳнатарем,
Ту биё, то ки ба дидори Ту нав рӯз кунем!
2005. Бишкек

## ДАР БАЙНИ РОҲ

*Нигоҳи сарди моҳи шомхӯрде*
*Шаби торику ман дар байни роҳам!..*

Гулрухс
ор

7

Нигоҳи сарди моҳи шомхӯрда,
Шаби торику ту дар байни роҳӣ.
Дар ин шоме, ки андар олами зист,
Зи ту наздиктар кас бо Худо нест,
Аз ӯ мехоҳ бар худ ҳар чӣ хоҳӣ.

Баройи ман вале эй дӯст, эй ёр,
Каме дигар аз ӯ мӯҳлат ҳамехоҳ,
Ки бе ман нагзарад фасли гул аз роҳ,
Ки бе ман пур нагардад соғари гул.
Чу ман меоям аз шоми ҷудойӣ
Нигоҳи моҳ дигар сард набвад,
Ба рӯйи сабзаву гул гард набвад,
Ки ман сар монаму мирам бари гул.

Худоё! Гар ҷазо хоҳӣ баромон –
Ҳамеша он бикун, ки худ ту хоҳӣ!
Ки мо худ хотири поки ту хоҳем,
Ҳама таслими Ту ҳастем, агарчӣ,
Ҳама ишқему дарду ашку оҳем.
Ту медониву ин ҷонҳои муштоқ,

Агар поку в-агар ғарқи гуноҳем.
Туйи мақсад – ту худ ҳам раҳнамо бош,
Шаби торику мо дар байни роҳем…
2006. Бишкек

**Абдулҳамиди САМАД**

# ЭЙ ГУЛИ РУХСОР!..

Рашки сад зан дар чаман,
Хасми сад марди сухан.
Эй саногӯи Ватан,
Эй Гули Рухсор!

Булбулонро хандаат қанд,
Ошиқонро шӯхиат панд.
Сархати ёрони бефанд,
Эй Гули Рухсор!

Мӯйи хурмойӣ парешон,
Ошиқонат зору ҳайрон.
Чашмаи Яхч аст гирён,
Эй Гули Рухсор!

Эй биё, ҷон дар дилу тан,
То ба кай ин мову ин ман.
Монда маҳди шеър бе зан,
Эй Гули Рухсор!
*1995*

## ФАРЗОНА

*Барои*

*устод Гулрухсор*

Эй чароғи шабнавардон ахтарат,
Рӯҳи Митро посбони пайкарат.
Эй паранди субҳгоҳон абраат,
Парниёни нури хуршед астарат.
Қаҳри Баҳром асту нози Зуҳра ҳам,
Андар он чашмони нилупарварат.
Офтоберо нахоҳам ҳолапеч,
Чархи атлас бод рӯмоли сарат,
Хушкаконеро, ки гардат мезананд,
Гӯ, вузӯъ гиранд бо шеъри тарат.
Инакон якумр сармо хӯрдаанд,
Узр неҳ, гар мераманд аз озарат.
Дигар аз хокистаролудон манол,
Варна бо чӣ тоза созӣ ҷавҳарат.
**1992.**

* * *

Дайрустаи гулшани баҳорэҷодӣ,
Сад қарну ҳазор қарн навмелодӣ.
Бурдам ба тавофи ҳарами ту ихлос,
Зеро, ки ту ҳам чанори Нурободӣ.
**2007. Хӯҷанд.**

**ОЗАРАХШ**

**«АТРИ МОДАРОН»**

Мардум ҳама аз баҳри карам қатра баранд,

Мо қатра ба баҳри бекарон овардем.

Бар Модари Миллат аз чаманзори Ватан,

Тухми гули «Атри модарон» овардем.[1]

---

[1] ***Ҳадаф тухми гули «Атрн модарон», ки Фарзона аз Хӯҷанд барои боғи шоир бо Озарахш фиристода.***

Камол НАСРУЛЛО

*Барои устод Гулрухсор*

Бихобад ҷисм, дил бедор монад,
Равад ҳастӣ, умеди ёр монад.
Ҳазорон гул хазон гардад валекин
Гули рухсори Гулрухсор монад!

* * *

Дили ӯ чун дили бедори миллат,
Пур аз хун мезанад дар кори миллат.
Бимонад зинда шеъри нанги тоҷик,
Бимонад зинда Гулрухсори миллат.

Низом ҚОСИМ

*Барои Гулрухсор*

Омадаӣ ҳамчу гул,
гулшани ҷон кардаӣ
Бо гули рухсори худ
маҳфили имрӯзро.
Ин Гули Рухсорро
бод нигаҳбон Худо,
Бод нигаҳбон Худо
ин дили хушсӯзро!

Абдуқодири РАҲИМ

## ХОБ

*Барои Гулрухсор*

Пушти бедоршуданҳои мани ғамзада хобест гарон,
Метавон гуфт чӣ хобест ба бедоршуданҳои ҷаҳон?
То ки дар рашки ҳама ханда нарустаст гуле
ҳеҷ зи хок,
То ки хуршед нагуфтаст ба афсона чӣ рӯзест равон.

Бӯи тороҷу хироҷ аст аз ин мулки хазондидаи ман,
Бо нафас кӯр шудан низ қариб аст, қариб аз ҳама сӯ,
Гӯши ман гар на гарон аст,
чаро даст шунид аз раҳи ӯ,
Он гадоён зи сари фитна шуда боз зи нав даст ба ҷӯ.

Хона таъмири дигар хост, на таъмиргаре ҳаст дигар,

Нанги ҷуғзе ба шаби тор надонад,
ки чӣ ранге бишавад,
Ҳайрати моҳ ба кунҷи қафасе ҳаст,
Худо, ҳам нараҳад,
Оҳ, асрори дили мост, мабодо ки ба ҷое биравад?

Нони доро ба сари ҷон бишикастем,
шикаст аст, шикаст?
Ҷабри ин ҷабртаборак
ба чӣ ҷабре бихарем аз ду замон?
Рӯи фарёд ғазаб
бар оина намуд ар, ки ба ҷост,
Наъраи сел хамӯшист
дар ин зулми чу як баҳри дамон…

Ҳарфи ибрат зи сари шохаи беде чу бихонанд, бигӯ:
Аз аноре дили оташзадаро нек харидор биё.
Номи ошуфтатарин марди Худоро

ба
замонҳо бисупор,
Ҳамчу Мансури сухансанҷи сари дори пурозор биё!

Пушти бедоршуданҳои мани ғамзада хобест гарон,
Метавон гуфт чӣ хобест
ба бедоршуданҳои ҷаҳон?
То ки дар рашки ҳама
ханда нарустаст гуле ҳеҷ зи хок,
То ки хуршед нагуфтаст
ба афсона чи рӯзест равон.

Озод АМИНЗОДА

*Барои Гулрухсор*

## ПАЗМОН

Туро пазмон шудам, эй хоҳари ҷон!
Куҷоӣ, номае бифирист сӯям.
Чунон озурдаву танҳоям имрӯз
Киро дарди дили ошуфта гӯям?!

На шавқе дар дилу не шеър бар лаб
Намедонам, худоё, кистам ман?
Валекин нағз медонам, ки ҳоло
Дар ин дунёи равшан «нестам» ман!

Маро шабҳои бехобиву даҳшат
Хумори шеърхоният бигирад.
Дилам гум мезанад бар сӯҳбати ту,
Зи танҳоӣ ҳавасҳоям бимирад.

Туро дасти кушоду ҳиммати беш,
Туро мардонагӣ, одамгарӣ буд.
Чаро дар кунҷи хомӯши фитодӣ,
Дили хурду бузурги ту куҷо шуд?

Суроғатро намеёбам, куҷоӣ.

Ту бошӣ, нағз медонӣ, кучоям!
Аз он ҷое, ки ҳастию надонам,
Чӣ мешуд, нома бифиристӣ бароям.!

Ки ёбам риштаи гумкардаамро,
Кушоям болу пар, оям ба парвоз.
Нишаста лаҳзае дар рӯ ба рӯят,
Тамошоят кунам беҳарфу овоз.

Ба ёдат ҳаст оё, хоҳари ҷон,
Ба ҳам рози дили худ мекушудем?
Гоҳе овози худро ҷур карда
Суруди дилнишине месурудем:
«Ҳар шабе гӯям, ки фардо тарки ин савдо кунам,
Боз чун фардо шавад, он рӯзро фардо кунам...»

## МЕҲРИНИСО

*Ба Гулрухсор*

## ШАБАФРӮЗ

Занеро мешиносам ман,
Ки бори ҳасрати миллат
Ба дӯши нозукаш бор аст.
Зи дарди қавми хоболудааш бехоб,
Кашида кулфати темор бемор аст.

Занеро мешиносам ман,
Ки бо нерӯи мардафкан
Замондорони софдилро.
Ба нози хандааш кушта
Ва андӯҳи дили худро
Шабонгоҳон ба рӯйи бистраи танҳо
Ба ашки ахтарон шуста…

Занеро мешиносам ман,
Ки тири ҳаҷр дар ҷонаш,
Шарори хандааш бар лаб
Ва месӯзад барои қисмати имону виҷдонаш,
Баройи зиндагии нобасомонаш.

Зи армони ниҳону бахти берангаш наменолад,
Зи коҳишҳои бисёри дили тангаш наменолад,

Вале чун бихради воло,
Ба хашму сӯзу истеҳзо,
Ба тангии нигоҳи як ду-се номард месӯзад,
Ба худхоҳии бархе мардуми бедард месӯзад.
Ҳамесӯзад,
            ҳамесӯзад,
Ки сӯзаш шӯълае андар шаби торе биафрӯзад.

## МАШЪАЛАФРӮЗ

Шаҳдухти ҳунар чу машъал афрӯхт,
Бунёди ҷаҳолати замон сӯхт.
Эзад ба лаби гули чу моҳаш
Эъҷози суханварӣ биёмӯхт.

Гулрех каломи безаволаш,
Гулбез ҷамоли бемисолаш.
Эҳсони худоиву бузургӣ,
Бодову бувад ҳама ҳалолаш.

Дар асл асилу нозанин аст,
Ҳақгӯву ҳақиқати яқин аст.
Чун модари миллати сарафроз,
Якрӯву адолатофарин аст.

Ӯ неъмати мову ганҷи фардо,

Сармояи мову дурри яктост.
Дар шаъну шарфату наҷобат,
Сархели муҳаббату таҷаллост.

Шоистаи беҳтарин чакома,
Боистаи қадру қурби хома.
Бо рафъати сабзу набзи розаш
Зебост чу зикри ному нома.

## НОМА

Ба устод Гулрухсор дар айёми ғурбатбор

Эй дӯст қиммати умр беҳтар зи ман ту донӣ,
Бар дӯши маҳмилат бор андӯҳи саргаронӣ.
Гуфтӣ, ки меҳр дар чашм, оре хато накардӣ,
Зеро ба чашми дил ҷо будиву ҳастӣ, монӣ.
Эй рафтаё зи дида, ҳоли маро кӣ дида?
Кас нест то бигӯям, аз Карбалои сонӣ.
Ту дури дуру ман низ аз нур бенасибам,
Дар маҳфили зағанҳо дар қайди бадгумоне.
Болу парам шикаста, шедам ба шаб нишаста,
Чун пар кашам аз ин хок, аз манзили каёнӣ?
Танҳову музтарибам, беш аз ту ман ғарибам,
Бо марги худ қарибам дар шоми бенишонӣ.
Ин ҷо шабест бе маҳ, он ҷо умед бе раҳ,
Ёрони бемурувват гӯянд: ки хуш фалонӣ.

То бахти тирарангам, хуш мекушад ба нангам,
Захмам садо надорад, то сар диҳам фиғоне.
Чархам агар ситезад, хоки маро бибезад,
Як зарра ҳам нарезад аз Меҳр меҳрубонӣ.
Хоҳӣ ту боварам кун,  хоҳӣ бигӯ бадам, нек,
Ман, ки гурезам умре аз ҳарзаҳои фонӣ.
Неку бади ҷаҳонро ман бар худо супурдам,
Ҳар ҷо ки бошӣ хуш бош, то ҳаст зиндагонӣ.

## ТУ НУРИ БАРЗИ КӮҲИСТОН

Ту пурсидӣ, гуноҳам чист?
Ҳама хомӯш лаб бастанд.
Хамӯширо набишкастанд.
Магар сайёд, ки медид
Ба сӯи сайди худ бо фанд.
Касе ҳозир набуд шояд, бигӯяд, ки
Худогоҳест!
Касе ҳиммат надошт шояд, бигӯяд, ки
Гуноҳат нест!
Хамӯшӣ густариш меёфт,
Ҳасуде пайту чаҳ мекофт,
Зи нохун чирки маҳ мекофт,
Ҳама сокит, пакар ё худ, ки кар буданд,
Азизон дар ба дар буданд…
Фақат дидам парастуро

Ба шохи «Рӯҳи урёнат»,
Ки мехонду зи нокомӣ ҳамеларзид:
«…Ҳар ки аз бонги ҳақиқат мерамад,
Ҳафт пушти ҳақрасонро душман аст.
Ҳар хирадманде ки меварзад сукут,
Дар ҳалокам, зомини хуни ман аст».
Чи шаккокӣ,
Чи бебокӣ,
Чи ҳақгӯӣ бад-ин бовар
Ки огаҳро дар ин кишвар
Харидоре набуду нест.
Дар ин ҳангомаи хунрез,
Парасторе агар пайдо бувад очиз,
Аз он ки ишқ ин ҷо
Гурги Юсуф буду аз дере,
Ба бадномӣ ҳасудон шуҳра мекарданд.
Ту худ беҳтар ҳамедонӣ,
Ки эшон душмани дарданд.
Номарданд.
Гуноҳи ту «бузург» охир
Пеши ҷоҳилон имрӯз,
Ки бо ин қадр доноӣ, намедонӣ
Замири душманонатро,
Рақиби ақлу ҷонатро.
Замонатро, хиёнатро…
Ту барҳақ гулшинос будӣ
Ки аз шохи наботи худ,

Магасҳоро ҳамерондӣ.
Ва зоҳирсози софилро
Ту соҳибдил намехондӣ.
Ту будӣ офтобу тӯдаи шабтобҳо дар мулк
Зи беқадрии худ умре нишаста ғусса мехӯрданд.
Чу аз нури ту мемурданд,
Ба ҳуснат рашк мебурданд
Ва инак бахташон тобид
Замона ҷоҳилон зоид.
Ва аз ҷаҳлу ҷаҳолат
Зулмате қоиммақоми ин Ватан гардид,
Парасту кӯч басту нур файзаш аз чаман барчид.
На пайғамбар будӣ, охир,
Фариштa кай бувад инсон?
На худро ҳомии ин миллати садпора мехондӣ,
Фақат аз рӯи биноӣ, ки эзад ройгон дода
Халоиқро ба сӯи нур ба сӯи чора мехондӣ
Ту нури барқи кӯҳистон,
На дудиву на хокистар.
Парасторони оташро
Набошад кайфари дигар.
Ҷурм ин аст,
Ҷурм ин аст!

# БАҲРИНИСО

Тоқа аст ӯ,
          тоқа дар ҷуръат,
Тоқа аст ӯ,
          тоқа дар суръат.
Ӯ суханёр аст,
          ӯ суханкор аст,
Нозанин аст ӯ –
          нозаниталъат!

Нуқраи СУННАТНИЁ

## ОМӮХТАМ

***Ҳарчанд, ки худ Ватан сурудӣ,***
***Аз баҳри Ватан, Ватан ту будӣ!***

*Ба устод Гулрухсор*

Аз ту фаро гирифтам сарбозии суханро,
Аз лаҳни ту шамидам атри гули суманро.
Бо тобаму тавонам, бо қалбу рӯҳу ҷонам,
Аз шеъри ту мазидам офияти Ватанро.
Аз нози ту гирифтам рангу рамузи ҳастӣ,
Омӯхтам зи чашмат маънои ин буданро.
Дар мотами дили худ рақсида гаҳ чу оташ,
Ҷон бохта, намурдан бар қасди Аҳриманро.
Ғарқи гулу шукуфа дар худ дубора гаштан,
Барбод додан аз рашк хокистари чаманро.
Чаҳ-чаҳ задан чу булбул, оҳам дарун кашидан,
Дар хандаам дамидан фарёди сӯхтанро.

Дар як зане намудан рӯҳи ҳазору як зан,
Дар як тане фузудан, беш аз ҳазор танро.
Аз панҷаи ту чидам як қабза нозиши меҳр,
Аз харфи ту кушудам чашми нишонзаданро!

2

Ту дигар бош, мо дигар нагаштем,
Бадар аз ҳуҷраи бедар нагаштем.
Ба худ гуфтему худро худ шунуфтем,
Ба гӯше рафтаву аз бар нагаштем.
Миёни Тур ҳам андар нарафтем,
Хабар аз ваҷҳи кони зар нагаштем.
Зи Тубо меваи улвӣ нахӯрдем,
Дарахти себи фанну фар нагаштем.
Хазон омад якеву сар хамидем,
Зи рӯи хок болотар нагаштем.
Ту даври зар ҳамегаштӣ, вале мо
Ба чуз аз гирди дарди сар нагаштем,
Чу ахгар хуфта дар хокистари ишқ,
Зи сӯзи ишқи худ озар нагаштем.

3

Эй хору хаси Ватан сутуда,
Ишқу алами Ватан суруда.
Аз баъди ҳазор сол гӯянд:
Мислат ба ҷаҳон фузун набуда.

Ҷумъа ҚУВВАТ

*Барои Гулрухсор*

Рӯди пуршӯрӣ ва ё сарчашмаи саршори ту,
Ибратомӯз аст, ҳаққо, кори ту, рафтори ту.
Шеъри тар болои дафтар ҳамчу гавҳар мекашӣ,
Заргари хушкорӣ ту, ё духтари заркорӣ ту.
Гар гули якдонаӣ, аммо ба дунёи сухан
Парварӣ сад хирмани гул, балки сад гулзори ту.
Обшорон сар ба санги сард мекӯбанд, то
Як суруди тоза омӯзанд аз гуфтори ту.
Байни Яхчу байни дунё як замон роҳе набуд,
Гашта шоҳпул ин замон ашъори оташбори ту.
Ин диёр, ин кӯҳсор имрӯз сармаст аст, бин,
Аз гули рухсори ту ё аз гули ашъори

ту.

Сафармуҳаммад Айюбии МАҲЗУН

*Ба шоми мо ғарибон,*
*чун шафақ гул кард, Гулрухсор!*
*Ахавони Солис.*

*(Тазмин ба байти устод Ахавош Солис, ки ба шоири тоҷик Гулрухсор бахшидааст)*

Ба маҳҷурии Тӯс амсоли пайки Рӯдакӣ омад,
Чи хуш арвоҳи ихвонро тавассул кард Гулрухсор.
Биболид аз сафои ҳусну лаҳнаш ҷон, мунаввар шуд,
Даме бо меҳри раббонӣ таҷҷаммул кард Гулрухсор.
Дили мо дар ғуруби умр аз ғам чун шафақ хун аст,
Чаро н-омад ба сарвақтам, таҳаммул кард Гулрухсор.
Натобад дар самои тирабахтон рӯй моҳи ишқ,
Ба шоми ормони мо тааллул кард

Гулрухсор.

Дар ин пойиз, ё Раб, аз гули рухсори ӯ доғам,

Фиғонҷонам зи ҳасрат ҳамчу булбул кард Гулрухсор...

Фақат ту бенасиби ишқи қудсӣ нестӣ, Солис,

Ба васли ҷони Маҳзун ҳам тағофул кард Гулрухсор.

Аҳлиддини ҲИСОРӢ

*Барои Гулрухсор*

Ман надидам, ман надидам то кунун,
Як зане бо ин ҳама мардонагӣ.
Ҷойи ҳайрат нест гар дил мекунад,
Дар ҳавои шавқи ту девонагӣ.

Баски бо шеъри баландэъҷози худ,
Дар ҳарими қалбҳо дорӣ мақом.
Аз муҳаббат бар ту мардум кардаанд,
Духтарони хеш Гулрухсор ном.

Дафтари шеъри туро як лаҳзае,
Модари тоҷик нагзорад зи даст.
Номи ту вирди забонаш рӯзу шаб,
З-он ки дар ҳар хона Гулрухсор ҳаст.

Шеъри ту дарси ҳаёти марду зан,
Шавқу шӯре дар равони тоҷикӣ.
Ифтихори миллати воломақом,
Духтари ҳар хонадони тоҷикӣ.

Аз ту омӯзанд дарси зиндагӣ,
Ҷоннисориву адолатпарварӣ.
Меҳри беандозаи халқу Ватан,

Ростиву шеваи одамгарӣ.

Як зане бо ин ҳама фазлу ҳунар,
Ман бар онам, ки намеояд дигар.
Чун ту Гулрухсори дар ҳадди камол,
Модари гетӣ намезояд дигар.

* * *

Аз шеъри тару аз ҳунари Гулрухсор,
Сад шаҳри сухан мусаххари Гулрухсор.
Хубони сухангӯй зиёданд, вале
Ку шоирае баробари Гулрухсор?!

* * *

Монандаи ту суханваре нест, ки нест,
Сӯзу аламат дар дигаре нест, ки нест.
Шаҳдухтари мулки суханӣ, Гулрухсор,
Дар шеър туро баробаре нест, ки нест.

Абдураҳмони АБДУМАННОН

## ФИРЕБИ ОИНА

*Ба дӯсти ҳамсабацам Гулрухсор*

Шаб дар чамани оинаи синаи сӯзон
Бо чашми дилам рӯи накӯи ту бидидам.
Махмурии чашмони сиёҳи ҳавасатро,
Лабҳои ба лабҳои сабуи ту бидидам.

Аз шавқ дилам сахт биларзиду таб овард
Ҳам моили майхонаи он оина гардид.
Оҳе зи вучудам бадар омад, ки саросар
Аз гармияш он манзара дар оина таркид.

МАҲТОБ

## МОДАРИ ШЕЪР

Сӯзи ашъори ту бар ҷони ман оташ мезанад,
Суннати оташпарастиро ба ман омӯхта.
Шӯълаи пурсӯзи шеъру меҳрро ашъори ту,
Дар самои синаам чун офтоб афрӯхта.

Ғунчаи умед пайдо мешавад дар боғи умр,
Чун замин андар баҳорон гулфишон хезам зи хоб.
Чун парасту мекунад парвоз дил бар сӯи ту,
Мекунад парвоз бар сӯи диёри офтоб.

Ту Гули Рухсор на, ҳастӣ гули хуршеди ман,
Нури дунёи дили ту баҳри ман чун ховар аст.
Ту Гули Рухсор на, ҳастӣ гули умеди ман,
Баски шеъри ту барои шеъри ман чун модар аст.

Нуруллоҳи ОРИФ

# ШИНОСНОМА
(Барои Гулрухсор)

*Ҳазорон моҳ бе ту нест моҳе,*
*Дар ин шоми қабояш аз тасаллус.*

Ту онӣ, ки бо ҳафтоду панҷ лафз сухандонӣ,
Ва дар навори хуштарин хобҳо
Ва бандари шихобҳо,
Моҳии тиллои роз
Дар шаби урёнӣ.
Ту онӣ, ки дар ниҳонгоҳи нигоҳат гиря механдад,
Тарона рақс мекунад,
Ва шаҳпараке чанд
Аз лаби нози шақоиқҳо
бӯса медуздад.
Ва ту онӣ, ки бо ин ҳама сӯхтанҳову сохтанҳо
Беозор механдӣ.
Ва парчами аз хуни хурусон
Ва лолаҳои меҳр
Перостаи ишқро -

Ватанро -
Дар об -
дар хушкӣ
Пок медорӣ.
Ва ту бе ҳич иштибоҳ
Хуршеддил инсонӣ
Ва беназир фариштаӣ дар ин хок...

Убайдуллоҳи ШИРИН

*Барои Гулрухсор*

Ту мардӣ,
Марди мардонӣ,
Ту шерӣ,
Шери шеронӣ.
Садоят мерасад аз чор ақсои ҷаҳон имрӯз,
Ба сони муждагонӣ аз вафои тоҷикон имрӯз.
Ки меҳре дар дили тоҷик бар тоҷик пайдо шуд,
Шӯое дар нигаҳҳои шуда торик пайдо шуд.
Ҳамоне, ки туро чун, Модари Миллат мазаммат кард,
Куҷо, ҷуз нафси худ афтодаеро дасти ҳиммат кард.
Набудаш тоқати бишнидани ашъори Гулрухсор.
Куҷо марде, ки бар дӯшаш кашад он бори Гулрухсор,
Кунун имрӯз меҷӯяд паи девони Гулрухсор.
Чу ташна ғарқ мегардад ба ҳар туғёни

Гулрухсор.

Надонам то чӣ номам буқламунҳои замонамро,

Ки таҳрире ҳамечӯянд ҳар ҳарфи баҳонамро.

Аз ин мардон вафоҷӯӣ бидидан ганҷ бар коҳ аст,

Паи ин роҳ рӯзе ларза бар ҳуршеду бар моҳ аст.

Ту мардӣ,
Марди мардонӣ,
Ту шерӣ,
Шери шеронӣ.

Сари болои миллат дар уфуқи чархи гардонӣ!

Усмон БИЛОЛӢ
*Барои*
*Гулрухсор*

## ГУЛИ УМЕД

Гули уммед аз доғи варақ гул кард Гулрухсор!
Зи сузи ҳарф авроқи сабақ гул кард Гулрухсор.
Ҳазорон бор андар кӯи ғурбат мурдам, аммо боз
Зи нанги ин Ватан ҷон дар рамақ гул кард Гулрухсор.
Гули шеърам канора, аз канори гулшани маънӣ,
Ба ранги лола дар кӯҳи Табақ гул кард Гулрухсор.
Ғаму ҳасрат хаёлам дар мисоли қабзаи ожанг.
Маро дар чеҳра аз файзи арақ гул кард Гулрухсор.
Парешонӣ ба сар омад,
ба боғи ин дили ранҷур,
Гули ваҳдат зи юмни нури Ҳақ
гул кард Гулрухсор.

Саттор ШОКИРЗОДА

## ОЙИНА

Осмони соф мебахшад маро илҳоми нав,
Шеъри Гулрухсор бошад бар лабонам ҷоми нав.
Софии ойинаро дар нуктаҳояш дидаам,
Аз гулистони китобаш тоза гулҳо чидаам.
Оташи армони ӯ бас ормонам додааст,
Барқи гуфтораш ҳаме гӯё забонам додааст.
Ҷӯши нав бар қалби камҷӯшам зи нав пайдои ӯст,
Шеъри нав бар дафтари илҳоми ман иншои ӯст.
Дар гулистони маонӣ фитраташ санҷидаам,
Олами ишқу муҳаббат дар навояш дидаам.
Сӯзи қалби оламе аз ишқи оташбори ӯст,
Бас дабистони адаб бишкуфтаи гулзори ӯст.
Ҳусни покаш достон чун достони

модар аст,
Модарони покдилро модари ҷонпарвар аст!

Иззатулло ҲУСАЙНӢ

*Барои Гулрухсор*

## ДУХТАРИ КӮҲСОР

Духтари кӯҳсор шӯҳратманд шуд,
Ақл аз табъи равонаш банд шуд.
Мардумаш аз ғайраташ хурсанд шуд,
Сахттар пайванд шуд.

Ҳар чӣ амраш кард, чун сарбоз рафт,
То ба Маскав хоҳари мумтоз шуд.
Сатрҳои шеър дар парвоз рафт,
Бахтро оғоз рафт.

Дар сари гаҳвора гаҳ то рӯз шишт,
«Алла» гуфту модари дилсӯз шишт.
Бо хаёли байти дилафрӯз шишт,
Дар шаби Наврӯз шишт.

Ёдаш омад рузгори баччагӣ,
Ёдаш омад навбаҳори баччагӣ.
Бар сараш омад хумори баччагӣ,
Ёдгори баччагӣ.

Лолачинӣ рафт бар кӯҳу дара,
Чанг зад бар кокулонаш шар-шара,
Мот шуд аз ҳусни зебоманзара,
Духтари шӯху сара.

Аз лабонаш шеъри оташбор рехт,
Рӯи дафтар ишқи поки ёр рехт.
Нур аз чашмаш шабони тор рехт,
Лолаи кӯҳсор рехт.

ОЗАР

Барои Гулрухсор

Зебунисо рафту Маҳастӣ рафту Меҳрӣ рафт,
Тақвими шеъри кӯҳнаро ,инак,
эй Гул
Намойи тоза овардӣ.
Эй беҳтарини номҳо,
эй Гул,
Гули Рухсор,
Фасли баҳори шеър
бо исми ту пайванд аст.

* * *

Шаби маҳтоб, он соат,
Ки чашми андалебон
хоби роҳат дошт,
Шумурдам баргҳоятро,
Гули зебо
Ба худ гуфтам:
- Чиҳил барги дигар бояд,
Ки асли номи гул
дар дафтари ушшоқ
Садбарг

аст.

Дуо кардам:

Худовандо, маро эмин бидор аз марг,
Ки бинам хандаи сад барг.

## СОДИҚИ ЗАВҚӢ

Барои Гулрухсор

Ғами ту хурда ғами хеш зи хотир бурдам,
Ашки чашми дилам  аз гиря намудан шуд кам.
Ғаму дарди Ватану халқ хӯред, эй мардон,
Ба зане бор насозед ҳама бори алам!
З-он  халоиқ ба даҳон қуфли хамӯшӣ дорад,
Ки ба  ҳар хонаи тоҷик  наояд мотам,
Нангу номӯс куҷо, расми ҷавонмардӣ ку?
Ёд аз Рустами дастону зи гурдони  Аҷам!
Аз азал бар сари худ тоҷи каёнӣ дорем,
Тоҷи номӯс назебад ба фарози сари хам!
1998

ЮСУФӢ

*Барои Гулрухсор*

## ДУХТАРИ ШЕЪР

Дӯш бишнидам, ки мегуфт дилбаре,
Ваҳ, чи ширин байт бо лафзи дарӣ;
«Шеър-ин овози виҷдони дил аст,
Шеър-ин аз қалби покат ҳосил аст!»
Гӯш кардам ман садои дилфиреб,
Гӯш кардам ман навои андалеб.
Дар баҳорон гул ба рухсори тараш,
Ханда мекард ӯ ба он тифли бараш.
Ранги гул бо рӯю мӯ омехта,
Дар табассум аз лабаш гул рехта.
Ҳеҷ дилбар мисли ӯ зебо набуд,
Ҳеҷ ошиқ мисли ӯ шайдо набуд.
Ошиқ аст ӯ бар навои зиндагӣ,
Ошиқ аст ӯ бар сафои зиндагӣ.
Зиндагӣ бар ҳусни ӯ хушдор буд,
Зиндагӣ гӯё, ки Гулрухсор буд.
Шеърро аз гуфтаҳояш обрӯст,
Зеби ӯ андар латофатҳои ӯст.
Шеър дар лабҳои ӯ гул мекунад,
Нағмахонӣ ҳамчу булбул мекунад.

Ҳайрате дорам зи шеъри дилбараш,
Ҳайрате дорам ман аз шеъри тараш.
Васфи инсон матлаи шеъри вай аст,
Ҳусни кишвар мақтаи шеъри вай аст.
Чун ба ёди дӯсти дерин шавад,
Шеър дар лабҳои ӯ ширин шавад.
Шеър хонад бо забони модарӣ,
Зодаи шеър аст ин зебо парӣ.
Ваҳ, аҷоиб духтари ашъор ӯ,
Дар ҳақиқат низ Гулрухсор ӯ...!

Валиҷони АКБАРӢ

## ПУРСИШЕ АЗ МОДАРИ МИЛЛАТ

Кӣ дорад Оли Сомонӣ, ба ҷуз ту,
Кӣ дорад меҳри арзоне ба ҷуз ту?
Саропойи ту аз ҳикмат сириштанд,
Кӣ дорад фарри яздонӣ, ба ҷуз ту?!

Зи кӣ «Шаҳнома»-хон ояд, ба ҷуз ту?
Зи кӣ «Шаҳнома»-дон ояд, ба ҷуз ту?
Ба  Халқи Осиё мисли Абунаср[1]
Дари маънӣ кӣ бикшояд, ба ҷуз ту?

[1] Файласуфи маъруфи тоҷик Абунасри Форобӣ дар назар аст.

## БОНУИ ШЕЪРУ ШАРОР…

### ( Ба ҷойи охирсухан )

*Асли ҳунар кимёгарист,*

*Худкуштану эҷёгарист!..*

*Гулрухсор*

Худованд аз ибтидо дар дили зумрае меҳри хидмат ба мардумро бештар андохтааст. Ин меҳр бо чанд ранг буруз менамояд. Яке аз он рангҳо ба василаи қалам намоён мешавад, ки дорои нақши ҷовидонист.

Аллома Аҳмади Дониши Бухороӣ низ бад-ин манзур пешаи аҳли қаламро бар ҳама саноеъ имтиёз дода, гӯиё гили ин тойифаро бо ин маънӣ:

*Ман ғами ту мехурам, ту ғам ма(х)вар,*
*Бар ту ман мушфиқтарам аз сад падар,*

ки аз хомаи сеҳрангези Мавлонои Балх таровидааст, сириштаанд.

Бонуи шеъри форсӣ* - Гулрухсор аз он ҷумла аст, ки бо муҳаббати зиёд ва бо дарки рисолати воқеъии инсон ба арсаи ҳунар по ниҳода, орзуҳои хешро

баровардан дорад.

Як қитъа шеъри соли 1971, пас аз ду-се соли анҷоми давраи донишҷӯйӣ гуфтаи ӯро бо унвони «Умед», ки ба адиби чирадасти тоҷик, шоири шаҳир, устоди зиндаёд Мирзо Турсунзода эҳдо шудааст, чун маромномаи ӯ ва ҳар фарди эҷодкор, метавон тавсиф ва муаррифӣ кард:

*Дар ин дунё агар танҳо барои*
*хеш мезистам,*
*Зи ҳар неку бади он мегузаштам*
*чашм пӯшида,*
*Зи рӯйи хор не, аз рӯйи сабза мерафтам,*
*Ба ҷойи оби сарди ҷӯй шири гарм нӯшида,*
*Аҷаб не,умри ман чун арча*
*дойим сабзу хуррам буд.*

*Агар дар рӯзи шодӣ ёди рӯзи ғам намекардам,*
*Барои мурдаи бегона ҳам мотам намекардам,*
*Фақат имрӯз мегуфтам,*
*ғами фадо намехӯрдам,*
*Таноби умри худ бо сӯхтан кӯтаҳ*

*намекардам,*
*Аҷаб не, умри ман чун арча*
*дойим сабзу хуррам буд.*

*Ҳазар дорам ман аз умри дарози бесамар, ёрон,*
*Ҳазар аз одами бенангу айшу нӯши безаҳмат.*
*Ҳазар аз он ки дашти ташналаб*
*дар ҳасрати об аст,*
*Вале ӯ дар паноҳи шаҳчиноре мекунад роҳат,*
*Чӣ суд аз омаду аз рафтани ин фарди беҳимат?!*

*Чӣ суд аз машъале,*
*ки гирди худра мекунад равшан,*
*Чӣ суд аз хандае,*
*ки хира созад табъи инсонро,*
*Чӣ суд аз чашмҳои дилбару зебои лӯхтакҳо,*
*Чӣ суд аз зиндае, ки мурдааст андар дили ёрон?*
*В-аз он бахте,*

*ки нимашро надодастӣ ба бадбахтон?*

*Ҳама хобанду ман бо дидаи бедор биншинам,*
*Намеҷӯям валекин бахтро аз гардиши гардун.*
*Парастам ман сари пасти туро,*
*эй хӯшаи гандум.*
*Бимон, кӯтоҳ гардад умри ман чун шамъ аз сӯзиш,*
*Ба умеде, ки монам зинда андар хотири мардум!*

Агар падари шеъри форсӣ устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳазору саду пҷоҳ сол пеш инсони бофарҳангу муаддабро аз ин дидгоҳ дидан хоста бошад:

*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ!*

Устод Гулрухсор пас аз ин муддат, бо ҳамон «шеваи ошиқон», «бо лаҳҷаи орифон» ва «бо лаҳни фариштагон»-и порсисухан, ин маъниро чунин бозгӯ менамояд:

*Зи по афтодаро дар хок нагзор,*

*Зи по афтодаро аз хок бардор!*

Оре, ҳангоме ки «Девон»*-ро варақ мезанему бо сатрҳои пурмӯҳтаво ва баёнгари рози дили шоир рӯбарӯ мегардем, ба моҳияти ҳусни ҳастии ӯ бештар ошнову наздик мешавем:

***

*Шамъ дар каф, ханда бар лаб омадам,*
*Ман барои куштани шаб омадам!*

***

*Барои ту ба чаҳон омадам, ҷаҳон шоҳид…*

* * *

*Аз ҷаҳонгардӣ муродам дидани рӯйи ту буд,*
*Шеъри ман чун орзуҳоям дуъогӯйи ту буд,*
*Чашми ман аз чор сӯйи зиндагӣ сӯйи ту буд,*
*То ба боғи хушки ҷон, борони ман, хуш омадӣ!*

* * *

*Ман ба зулматзодагон гуфтам:*
*Зи нуробод меоям,*
*қосиди нурам!*

* * *

*Ҳунар ишқ аст,*

*ишқи зиндадории дами одам…*

* * *

*Бӯйи Ватан кунад, дуди фиғони ман…*

* * *

*Дур рафтам, то туро наздик бинам,*
*Аз ту рафтам, то даме бо ту нишинам,*
*Тоҷикистон!*

* * *

*Саргузаштам қиссаи ҳар хона аст…*

* * *

*Туро бо санги кӯҳат мезананду нарм механдӣ…*

* * *

*…Ин сафири раъд, ин барки шарарзо.*

* * *

*Дар замоне, ки замин бе такяаст,*
*Такядорӣ навбати ман омада.*

* * *

*Маро чун бод озод офариданд,*
*Зи гарди домани ёд офариданд,…*
*Надорам зӯри мӯри раҳ валекин*
*Зи рӯҳам кӯҳи имдод офариданд.*
*Хурӯши хандаам ғампӯши дард аст,*
*Маро чун гиря эҷод офариданд.*
*Зи хомӯшии исёни ҳақирон,*
*Маро як мушт фарёд офариданд!..*

«Дар талоши зист» ин «қосиди нур» бо «зулматзодагон» сахт дар пайкор аст ва «ворисони содиқи ҷаҳли мураккаб» ба «паёми рӯшаноӣ»-яш тоб надоранд:

*Баски аз таҷрубаи торикии торих биноям,*
*Нурдастурам.*
*Ворисони содиқи ҷаҳли мураккаб,*
*Аз паёми рӯшаной*
*сахт тарсиданд,*
*Аз дурахши нур*
*чашми кӯр пӯшиданд.*
*Шамъи сӯзонро*
*ба зери по фиканда,*
*Бо ғурури нафрати кафши дарида*
*беибо куштанд,*
*Хешро бори дигар*
*дар хуни ҷаҳли хеш оғуштанд...*

Ашъори шоир саросар ҳовии чунин фиқраву нукот аст ва бо ин шеваи навгӯйиву мазмунофаринӣ бар шукӯҳу азамати забон ва шеъри форсии тоҷикӣ афзудааст.

Ба вижа аз айёми бозсозии Горбачёвӣ то ба рӯзгорони мо иҷтимоъгароии Гулрухсор дар шеър бештар қувват гирифт. Ин ҷаҳди

ӯ дар тасвиру баёни ниёзҳои ҷомеъаи ҷаҳонӣ,мушкилоти воқеъии инсони ҳазораи нав ҳамраъйиҳо пайдо кард ва дар маҳофили фарҳангиву адабиву ҳунарӣ аз маҳбубияти фаровоне бархурдор гашт. Ба хусус, пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба замони Истиқлоли миллӣ расидани аҳли илму адаби тоҷик садои сухани Гулрухсор дар қаламрави шеъри форсӣ баландтару расотар шуд.

Дар канори соҳибзавқони кишвари азизи Тоҷикистон, ин як пораи хоки Хуросони бузург, ҳамзабонони гиромии мо ба фитрату заковат ва ҳунару истеъдодаш, ба маҳорату санъати эҷодаш, ба сеҳри каломy табъи худододи Гулрухсор аҳсанту офарин хонданд…

Намунае чанд аз он сурудаҳои зиёд дар васфи Гулрухсори арҷманд, ин адиби суварнигор ва тозасухану хиёлбоф,чун рамзи муҳаббату сипос хидмати дилбастагони каломи латиф, аммо нишонраси форсии дарии тоҷикӣ, пешкаши хонандагон гардид.

*Сулаймони АНВАРӢ,*

*номзади илми филология.*

---

** Мисраъи шоири эронӣ Исҳоқи Роҳиб.*

***** Гулрухсор. Девони Ишқу Ашку Ханда. Интошороти «Пайванд» 2004.***